# 7041 - Зикрҳоро мехонад, аммо мусибатҳое барои ӯ рух медиҳанд

## савол

Марде зикрҳоро доимо мехонад, бо вуҷуди ин, ба ӯ чизҳои бад рух медиҳанд. Оё мумкин аст, ки ягон амале зикрҳоро бекор кунад?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Шояд манзур ин аст, ки ин мард ба баъзе корҳои нописанд воқеъ мешавад, ё баъзе гуноҳонро анҷом медиҳад ва метарсад, ки амалҳои некаш, аз ҷумла зикрҳои ҳаррӯзааш, бекор мешаванд. Аз ин хотир, мо ба ӯ тавсия медиҳем, ки зикрҳо ва вирдҳоро бихонад ва аз амалҳои бад даст бикашад. Некиҳо бадиҳоро аз байн мебаранд. Ҳар гоҳ тавба кунад, Аллоҳ амалҳои бади ӯро нобуд ва амалҳои неки ӯро дучанд менамояд. Ӯ бояд аз раҳмати Аллоҳ ноумед нашавад ва амалҳои солеҳро тарк накунад. Агар манзур чунин бошад, ки ин мард вирдҳоро бардавом мехонад, аммо бо вуҷуди ин, баъзе аз балоҳо ва мусибатҳои ҷисмонию молиявӣ ба ӯ рух медиҳанд ва ӯ метарсад, ки зикрҳояш бекор аст, чунки барои ҳифзу ҳимояи ӯ ҳеҷ таъсире надоранд. Мо ба ӯ мегӯем, ки натарс, зеро мусибатҳову балоҳо ба сари паёмбарон ва солеҳон меомад, аммо он мусибатҳо амалҳои некӯи ононро кам намекард ва инчунин маънои онро надорад, ки зикрҳои онҳо пазируфта нашудааст. Балки ин барои баланд бардоштани дараҷаҳояшон ва дучанд кардани подошашон мебошад.